## Шарҳи моҳонаи таваррум • СЕНТЯБРИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи сентябри соли 2023 ба 0,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи гузашта 0,1 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯроквории 0,8 фоиз (саҳм дар таваррум 0,42 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,5 фоиз (0,13 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,6 фоиз (0,13 б.ф) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи мазкур асосан болоравии нархи орди навъи якум 13,4 фоиз, гӯшти гов 0,8 фоиз, тухм 3,9 фоиз, равғани пахта 2,3 фоиз, помидор 3,7 фоиз, шакар 0,4 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ (бахусус нархи гази моеъ 13,6 фоиз ва бензини навъи АИ-92 4,8 фоиз) мушоҳида гардид. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои ғайримонетарӣ, аз ҷумла омилҳои мавсимӣ ва берунӣ, ки ба болоравии нархи маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ замина гузошт, ба вуқӯъ пайваст.

Инчунин, дар моҳи баррасишаванда коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла себ 11,4 фоиз, нок 3,2 фоиз, ангур 3,8 фоиз, карам 17,7 фоиз, бодиринг 5,5 фоиз ва картошка 7,4 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи сентябри соли 2023 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 4,8 фоиз, Ӯзбекистон 1,2 фоиз, Россия ва Арманистон 0,9 фоизӣ, Белорус 0,7 фоиз, Қазоқистон ва Гурҷистон 0,6 фоизӣ, инчунин Қирғизистон 0,3 фоизро ташкил намуд.

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (сен. с.2023) | Таваррум янв-сен. с.2023 | Таварруми солона (сентябр с.2023) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 4,8 | 49,8 | 61,5 |
| Ӯзбекистон | 1,2 | 5,1 | 9,2 |
| Россия | 0,9 | 4,6 | 6,0 |
| Арманистон | 0,9 | -2,3 | 0,1 |
| **Тоҷикистон** | **0,7** | **3,9** | **5,1** |
| Белорус | 0,7 | 3,6 | 2,0 |
| Қазоқистон | 0,6 | 6,3 | 11,8 |
| Гурҷистон | 0,6 | 0,0 | 0,7 |
| Қирғизистон | 0,3 | 5,7 | 9,6 |

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ ба 5,1 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,6 банди фоизӣ кам мебошад.**

Дар моҳи сентябри соли ҷорӣ сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 61,5 фоиз, Қазоқистон 11,8 фоиз, Қирғизистон 9,6 фоиз, Узбекистон 9,2 фоиз, Россия 6,0 фоиз, Белорус 2,0 фоиз, Гурҷистон 0,7 фоиз ва Арманистон 0,1 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,0 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | 2023 | | | | | | | | | Сентябр тағйирёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **4,5** | **3,6** | **3,4** | **2,4** | **2,4** | **2,3** | **4,2** | **5,1** | **0,7** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **47,9** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **5,5** | **4,3** | **3,7** | **1,3** | **1,1** | **1,0** | **4,2** | **5,8** | **0,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 12,7 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | 1,7 | -2,6 | -6,6 | -10,6 | -8,7 | -8,2 | -4,2 | 2,3 | 5,2 |
| Биринҷ | 2,5 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 18,1 | 21,6 | 24,7 | 35,0 | 54,1 | 58,4 | 59,1 | 54,8 | 0,0 |
| Орд | 6,1 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -6,6 | -12,6 | -19,2 | -28,0 | -30,1 | -31,7 | -27,1 | -14,8 | 13,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,8 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | 0,0 | -0,2 | 0,9 | 3,3 | 5,3 | 7,0 | 6,9 | 6,8 | 0,1 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -3,8 | -2,5 | -1,2 | 2,5 | 6,5 | 9,6 | 8,6 | 9,3 | 0,8 |
| Тухм | 1,7 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 37,8 | 40,4 | 49,0 | 42,7 | 19,6 | -3,3 | 0,1 | 0,3 | 3,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 25,9 | 14,7 | 11,9 | 9,2 | 8,6 | 7,8 | 8,0 | 5,2 | 0,3 |
| Шир | 0,7 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 16,0 | 18,5 | 17,7 | 12,3 | 8,9 | 8,1 | 8,8 | 6,7 | 0,1 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -10,0 | -11,2 | -17,5 | -26,3 | -28,9 | -29,8 | -26,4 | -22,7 | 1,5 |
| Мевaҷот | 4,4 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | -5,5 | 1,5 | 4,2 | 11,2 | 13,9 | 23,2 | 27,6 | 28,8 | -2,5 |
| Сабзавот | 7,3 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 18,6 | 23,1 | 30,2 | 20,6 | 17,1 | 14,9 | 23,1 | 18,1 | -2,7 |
| Шакар | 1,6 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -0,2 | -9,1 | -9,6 | 4,4 | 8,3 | 11,5 | 15,8 | 18,2 | 0,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,5 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,4 | 13,1 | 12,4 | 11,0 | 10,9 | 2,5 | -6,1 | -5,2 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,5** | **3,6** | **3,6** | **2,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **2,8** | **1,5** | **1,3** | **0,6** | **0,5** | **0,9** | **0,7** | **0,8** | **0,2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **28,0** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **4,4** | **3,5** | **3,8** | **4,3** | **4,5** | **4,7** | **5,6** | **6,0** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 12,2 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 5,0 | 5,6 | 5,5 | 5,7 | 6,8 | 7,3 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,8 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 4,2 | 2,9 | 3,3 | 5,0 | 5,8 | 5,1 | 5,8 | 5,4 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,5 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,8 | 24,2 | 21,6 | 16,8 | 14,7 | 13,8 | 6,1 | 4,6 | 0,1 |
| Доруворӣ | 1,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 7,3 | 5,1 | 6,9 | 10,0 | 11,5 | 11,1 | 11,9 | 9,4 | -0,9 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,3 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -22,0 | -26,9 | -25,1 | -19,8 | -19,2 | -20,7 | -11,5 | -2,9 | 7,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,3 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 3,1 | 1,1 | -0,2 | -3,0 | -0,9 | -0,8 | -0,8 | -0,8 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 11,2 | 13,2 | 13,2 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 5,4 | 4,8 | 3,9 | 3,7 | 3,7 | 3,5 | 3,2 | 3,5 | 0,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **21,5** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,1** | **2,2** | **2,4** | **2,7** | **2,4** | **2,9** | **3,6** | **0,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 8,1 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 5,6 | 4,3 | 5,2 | 6,2 | 7,5 | 6,8 | 8,2 | 9,1 | 0,7 |
| Иҷорапулии манзил | 0,4 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,4 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 5,3 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,1 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -39,1 | -42,2 | -41,3 | -37,6 | -34,6 | -40,3 | -16,6 | -4,4 | 13,6 |
| Нақлиёт | 3,7 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -1,4 | -0,2 | -1,0 | -1,6 | -1,8 | -2,3 | -3,0 | -3,2 | -0,2 |
| Алоқа | 2,8 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 2,0 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 3,6 | 2,3 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,1 | 1,0 | 0,5 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,4 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,1 | 4,2 | 3,5 | 3,1 | 3,7 | 4,3 | 0,5 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо